Ба Шурои диссертатсионии **6D.КОА-014** назди
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
(734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Нахимов 64/1)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Раҳмонзода Зоир Файзалӣ дар мавзуи «Ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ (назария, методология ва амалия)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисосҳои: 08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт); 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт).**

Дар Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 «... таъмини ҳамаи муассисаҳои таълимӣ бо дастрасии васеъ ба интернет ва баланд бардоштани сатҳи муҷаҳҳазии синфҳои таълимӣ бо техникаи компютерӣ; таъмини истифодаи сомона барои қисми зиёди фанҳои таълимӣ ва ба таври васеъ ҷорӣ намудани шаклҳои фаъоли технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ, таъсиси платформаҳои таълимӣ ба забони давлатӣ» пешбинӣ гардидааст.

Муаллифи автореферат бо назардошти муҳиммии ин масъала қайд мекунад, ки «Таҳсилоти рақамӣ тибқи талаботи иқтисоди рақамӣ бояд пеш аз ҳама, бо таваҷҷуҳ ба малакаи таҳлили иттилоот ва рушди мафкураи эҷодӣ ҷавобгӯ гардонида шавад».

Ба рақамикунонии соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат, пеш аз ҳама, таҷдиди соҳаи маориф, пешниҳоди бештари хизматрасониҳоро дар ин соҳа мусоидат мекунад.

Бар асоси гуфтаҳои боло бармеояд, ки корҳоро дар ин самт бо роҳи баланд бардоштан ва такмил додани сатҳи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар таълим ва ба ин васила баланд бардоштани ҳавасмандии муҳассилин ба омӯзиш вобастагӣ дорад. Аз мӯҳтавои автореферат аён мегардад, ки ин таҳқиқот аз иқдомоти нахустин буда, омӯхтан ва ҷамъбаст намудани таҷрибаи

амалӣ, таҳлили дастовардҳо ва муайян намудани мушкилоти ин соҳа, пешниҳоди тавсияҳои амалӣ барои беҳбуд бахшидан дар ин самт муҳим ва рӯзмарра мебошад.

Ин нуктаро муаллифи автореферат ба маврид қайд кардааст, ки «Амалишавии ин тадбирҳо метавонад низоми маорифи мамлакат, алалхусус мактабҳои олии кишварро ба фазои таҳсилоти ягонаи ҷаҳонӣ ҳарчӣ зудтар ворид созад».

Ислоҳоти соҳаи маориф дар барномаҳои давлатии ин соҳа ва Стратегияи миллии рушди маориф инъикос ёфтааст, ки онҳо барои босифат амалӣ намудан ва иҷрои вазифаҳои стратегии давлат мусоидат мекунанд. Сифати хизматрасониҳо дар соҳаи маориф дар назар дорад, ки сиёсати ҷаҳонӣ ва миллӣ ба тарзи маҷмӯӣ бо муттаҳид сохтани соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ барои ба даст овардани рушди устувор равона карда шавад.

Низоми давлатии идоракунии сифати таҳсилоти олии касбӣ ҷорӣ намудани технологияҳои муосири таълим бо дарназардошти дастовардҳои навтарин дар соҳаи илм, техника ва технология, ки ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ, таъсиси шабакаи технологияи инноватсионии арзёбии сифат алоқамананд, бояд такмил дода шавад.

Муҳаққиқ дар таҳқиқоти худ такмили ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи маорифро баррасӣ намуда, оид ба асосноккунии самтҳои асосии беҳдошти сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ тавсияҳои мушаххас пешниҳод мекунад.

Якчанд фаъолияти анҷомдодаи муаллифи таҳқиқотро барои расидан ба мақсади пешгузошта қайд кардан ба маврид аст: таҳқиқи асосҳои назариявии рушди идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи технологияҳои иттилоотӣ; пешниҳоди моҳияти иқтисодии мафҳуми «сифати хизматрасониҳои таълимӣ»; таснифоти ҷанбаҳои методологии идоракунии умумии сифати хизматрасониҳои таълимӣ; таҳлили назария ва ҷамъбасти амалияи раванди ташаккули низоми идоракунии хизматрасониҳои таълимӣ; таҳияи низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ барои мактабҳои олӣ дар заминаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ; коркард ва пешниҳоди тавсияҳои методӣ оид ба такмили низоми идоракунии

сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи технологияҳои иттилоотӣ дар шароити мавҷудаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон.

Ба андешаи мо асоси таҳқиқоти анҷомшударо сохтори муносиб ва принсипҳои фаъолияти мақомоти идоракунии муассисаи таҳсилоти олӣ, ки ба такмили раванди ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ мусоидат мекунанд, дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

Хусолаҳои умумии таҳқиқоти анҷомшуда дар 5 саҳифа нишон дода шудааст, ки ба такмили низоми идоракунии таҳсилоти олии касбии муосир бо коркарди муносибати консептуалӣ ва методологии идоракунии сифати хизматрасониҳои таҳсилотӣ бо истифодаи васеи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ нигаронида шудааст.

Муҳаққиқ зимни иҷроиши таҳқиқоти диссертатсионӣ аз худ қобилияту тавонмандии мустақилона пеш бурдани омӯзиш ва ҷустуҷӯҳои амиқи назариявию амалӣ нишон додааст, ки бархӯрди нав дар раванди омӯзиши назария, методология ва амалияи ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ мусоидат карда метавонад ва натиҷаҳои санҷишу апробатсияи таҳқиқот дурустии нуктаҳои асосии назариявии онро тасдиқ менамоянд.

Баррасиҳои илмӣ-назариявӣ ва корҳои озмоишӣ-таҷрибавии гузаронидаи муҳаққиқ оид ба назария, методология ва амалияи ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ бо роҳу усулҳои муосиру навтарин дар интишороти илмии нашрнамудаи ӯ инъикос ёфтаанд.

Дар баробари комёбиҳои қолибу арзишманди илмӣ дар автореферат баъзе нуктаҳои ислоҳталаб ба мушоҳида мерасад, ки мехостем онҳоро ба тартиби зайл баён намоем:

1. Такрори фикрҳо дар саҳифаҳои гуногун дида мешаванд.

2. Гоҳо ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо сифати рисолаи илмиро беҳтар хоҳад намуд.

Вале қойи таъкид аст, ки камбудиҳои зикршуда бе ҳеҷ ваҷҳ қимати илмии диссертатсияро кам намекунанд.

Автореферат имкон медиҳад, ки таҳқиқоти Раҳмонзода Зоир Файзалиро дар мавзуи «Ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ (назария, методология ва амалия)», кори илмии баанҷомрасида шуморида, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисосҳои: 08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт); 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) мувофиқ арзёбӣ кунем.

**Муқарриз:**
**Ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар**
**ба номи Носири Хусрав,**
**д.и.и., профессор** **Қурбонзода М.Р.**

Имзои д.и.и., профессор, Қурбонзода М.Р.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.

Суроға:
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
Тел.: (992-3222) 2-45-20, 2-22-53.
E-mail: bgu78@mail.ru
www.btsu.tj